# ПРОТОКОЛИ

чаласаи васеи Шурои олимони факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

26.01.2023. № 6 ш. Кӯлоб

Иштирок доштанд: 20 нафар

## РӮЗНОМА

Муҳокимаи диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Ҷаласаро раиси Шурои олимони факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб н.и.и. дотсент, Исмоилзода С.Б., кушода эълон намуда, ҳозиринро ба рӯзномаи ҷаласа шинос кард ва суханро ба унвонҷӯ Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон барои маърӯза оид ба мухтавои таҳқиқоти диссертатсиониаш дод.

Абдусамадзода Б.А. оид ба мубрамии мавзӯъ, сатҳи омӯзиши илмии мавзӯъ мундариҷаи мухтасари бобу қисматҳои диссертатсия ва натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишии гузаронидааш мухтасар маърӯза кард ва ба саволҳои пешниҳодкардаи иштирокчиёни ҷаласа: доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мирзоев А.Р., н.и.п., профессор Иброҳимов Г., н.и.п. дотсент Наимов У.Т., н.и.п., дотсент Шарипов Б.Р., н.и.п., ҷавобҳои муфассал дод.

Сипас муқарризони холиси диссертатсия: Исоева Д.С. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Ғафоров А. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мухтасар андешаву мулоҳизаҳои худро оид ба сатҳу сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ иброз намуда, дар маҷмӯъ ба диссертатсия баҳои мусбат доданд ва диссертатсияро барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ тавсия намуданд.

Иштирокчиёни ҷаласа н.и.п. дотсент Шарипов Б., н.и.п. дотсент Наимов У.Т. ва дигарон ба музокира баромада, андешаҳои худро оид ба

таҳқиқоти диссертасионии Абдусамадзода Б.А. баён сохта, диссертатсияро мусбат арзёбӣ намуданд.

Баъд раиси ҷаласа н.и.и. дотсент, Исмоилзода С.Б. андешаҳои ироанамудаи муқарризон ва иштирокчиёни ҷаласаро ҷамъбаст карда, аз ҷумла қайд кард, ки мавзуи интихобнамудаи Абдусамадзода Б.А. таҳти унвони «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» хеле муҳим ва барои ҳаллӣ мушкилоти тарбияи ахлоқии хонандагон зарур буда, айни замон падару модарон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба коркардҳои илмӣ-методии дар ин самт буда, бештар ниёз доранд ва диссертатсия барои ташхиси давраи сеюм ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб бо дарназардошти тавсияву пешниҳоди муқарризон ва фикру мулоҳизаҳои дигар иштирокчиён

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи илмии унвонҷӯ Абдусамадзода Б.А. дар мавзуи «Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» кори мустақилона ба анҷомрасида ҳисобида шуда, ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгу аст ва барои ҳимоя дар шӯрои муштараки диссертатсионии 6D. КОА-022 назди ДМТ ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия карда шавад.

2. Баъд азислоҳи камбудиву эрод ва тавсияҳои аз ҷониби иштирокчиёни ҷаласаи роҳшуда диссертатсия барои муҳокима ба давраи дуюми ташхис пешниҳод карда шавад.

Раиси ҷаласа, раиси шурои
илмӣ-методии факултети иқтисодиёти
рақамӣ ва зеҳни сунъииДонишкадаи
технолгия ва менеҷменти инноватсионӣ
дар шаҳри Кӯлоб — н.и.и. дотсент Исмоилзода С.Б.

Муқарризон:
н.и.п.дотсент, — Исоева Д.С

н.и.п., дотсент — Ғафоров А.

Котиби ҷаласа — Шарипов Б,Р.

Имзои  Чоршанбиева З.А. ва Ғафоров А.- ро тасдиқ менамоям:

Сардори  шуъбаи кадрҳо
ва коргузории ДТМИК    Шокиров Қ.Б.